**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии** 6D.КОА-021-и **назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович ба таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ бахшида шудааст, ки ин қабати луғавӣ дар забоншиносии тоҷик мубрам ва таҳқиқталаб мебошад. Дар гӯйишҳои тоҷикӣ ду нуктаи муҳим ҳамеша ниёз ба таҳқиқ доранд: маҳфуз мондани шаклу қолабҳои таърихӣ ва зуҳури навгониҳо дар доираи воҳидҳои забонӣ. Аз ин рӯ, дар забоншиносии тоҷик пажуҳиши лаҳҷаҳои гуногун дар муқоиса бо забони адабӣ аҳаммияти муҳимро касб намуда, маҳз дар ҳамин замина бори аввал таснифоти калимаҳои хоси шева, нишондоди меъёрҳои забонӣ дар шинохти ин қабати луғавӣ, ҷанбаҳои ташаккули он ба таври мукаммал амалӣ гардидаст.

Мубрамии диссертатсия дар он аст, ки хусусиятҳои забонӣ ва баррасии меъёрҳои илмии калимаҳои хоси шева то даҳсолаи охир аз назари муҳаққиқони соҳа дур монда, муаллифи диссертатсия умумият ва фарқияти калимаҳои хоси шеваро аз лексикаи забони меъёрӣ ва умумихалқӣ бо мисолҳои зиёд бозгӯйӣ кардааст. Маводи диссертатсия дар давоми солҳои 1996 – 2019 ҷамъоварӣ шуда, зиёда 5000 калимаи хоси шеваро фарогир мебошад. Навгонии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки бори аввал ҷанбаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ дар асоси омилҳои таърихӣ, этнографӣ, ареалӣ ё ҷуғрофӣ баррасӣ гашта, тағйироти шаклӣ ва маъноии калимаҳои хоси шева бо дарназардошти омилҳои забонӣ, урфу одати маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Боби якуми рисола **“Масъалаи таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева”** унвон дошта, зерфаслҳои “Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии хориҷӣ”, “Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик”, “Мафҳумҳои калимаҳои хоси шева ва таснифоти он” ва “Ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева”-ро дар худ фаро мегирад, ки дар он фикру андешаҳои забоншиносони хориҷӣ (асосан русҳо, ки заминагузории бунёдии масоили сарфиву наҳвии забоншиносии тоҷик бар он такя дорад) ва забоншиносони тоҷик оид ба калимаҳои хоси шева, ифодаи маъноӣ ва шаклгириҳои сарфии ин қабати лексикӣ ба таври васеъ таҳқиқ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева”** ном дошта, он фарогири се зербоб мебошад. Дар зербоби “Ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ” ташаккули ин қабати луғавӣ бо роҳи калимасозӣ баррасӣ шудааст. Зербоби дуюми боби дуюм – “Манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули калимаҳои хоси шева” ном дошта, он ба таҳлилу баррасии калимаҳои иқтибоси дар доираи калимаҳои хоси шева ва дараҷаи корбасту ифодаи маъноии онҳо бахшида шудааст. Дар зербоби сеюми боби дуюм ҳамчунин хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева бо тамоми ҷиҳатҳои забониву мансубияташон ба ҳиссаҳои мухталифи нутқ таҳлилу баррасӣ шуда, корбурди калимаҳои адабии китобӣ бо мисолҳои фаровон нишон дода шудааст. Дар натиҷаи хулосабарориҳо муайян мегардад, як қатор калимаҳои асили тоҷикӣ бо гузашти вақт аз доираи забони адабӣ берун рафта, бо шаклу маъниҳои гуногун дар ин ё он лаҳҷаи тоҷикӣ то кунун маҳфуз мондаанд.

Боби сеюми рисола **“Таснифи мавзуии калимаҳои хоси шева”** унвон дошта, дар зербоби аввал “Таҳқиқи лексикаи ашёӣ” – номҳои ифодагари мафҳумҳои хешутаборӣ, мафҳумҳои марбут ба хона, ҳавлӣ, мафҳумҳои хӯрокворӣ, либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ, ҳайвонот, парандаҳо, ҳашарот, растаниву гиёҳ, дарахту буттаҳо, узвҳои бадан, бемориҳо ва дар зербоби дуюм “Таҳқиқи лексикаи ғайриашёӣ”–мафҳумҳои

ифодакунандаи амал, аломат ва ғайраҳо ба таври дақиқу равшан таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ зикр ёфтааст. Хулосаҳои илмии таҳқиқотро дар тадриси фанҳои таърихи забон, шевашиносӣ, лексикология ва калимасозӣ, инчунин ҳангоми таҳия ва таълифи барнома ва китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, луғати шеваҳо, фарҳанги осори шоирон, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси шевашиносии тоҷик метавон истифода намуд. Бо назардошти ин нуктаҳои муҳим диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ» ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Тавре аён гардид, диссертатсия аз ҷониби муаллиф ба таври мустақилона таълиф шуда, он аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа мукаммал мебошад. Дар диссертатсия саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 1 монография, 1 китоб ва 23 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Бо дарназардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариявию амалии худ диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ

Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Курбонов Содик Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

– Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ-технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе.

– Низомова Санобар Фахриевна – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳомидов Д.Р.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Ш.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷӯраева М.Р.

«5» декабри соли 2023.